**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Шарифзода Файзигул Шариф дар мавзуи "Истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот**

Ҷомеаи иттилоотӣ марҳилаи ташаккули фарҳанги кунунӣ ба ҳисоб меравад, ки ба таҳкими дониш ва нақши технологияи коркарди иттилоот, афзоиши маҳсулоти иттилоотӣ, хидматҳо ва тавсеаи доираи одамон дар соҳаи иттилоот хос аст. Шабакаҳои ҷаҳонӣ **"ИНТЕРНЕТ"**, ки иқтидори коммуникатсионии иштироки фаъолонаи корбаронро хеле васеъ мекунад, ҳанӯз ҳам падидаи ҷаҳони муосир ҳисобида мешавад.

Тавассути шабакаҳои иҷтимоии **"ИНТЕРНЕТ"** маводи бешумори маърифатӣ ва шавқоварро хонандагон дарёфту дастрас мекунанд, ки он боиси пешрафти онҳо дар раванди омӯзиш мегардад.

**Боби якум "Асосҳои назариявӣ- методологии истифодаи самаранокии воситаҳои иттилоотӣ ва технологияи инноватсионӣ дар фаъолияти таълимии хонандагон"** номгузорӣ шудааст, ки бахри мукаммал намудани дониш ва худомӯзии хонандагон омӯзиши фанҳои таълимӣ дар асоси нақша ва барномаҳои таълимӣ амалӣ карда мешаванд, ки дар ин раванд омӯзгорон аз технологияхои навини педагогӣ истифода мебаранд, ки аҳаммияти муҳим доранд. Аз ҷумла, ҷорӣ намудан ва таъмини истифодаи ТИК (технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ) дар раванди омӯзиш дар муассисаҳои таълимӣ васеъ ба кор бурда мешаванд.

Таълими технологияҳои иттилоотӣ, пеш аз ҳама, ба малакаҳои техникӣ тамаркуз мекунад, ки фаҳмиши хонандагонро дар бораи таъсири муҳити рақамӣ ба фарҳанг, ҷомеа ва дарки инфиродии иттилоот васеъ мекунад, ки муҳаққиқ возеҳии онро дар кори хеш нишон додааст.

Мавзуи интихобнамудаи муҳаққиқ Шарифзода Файзигул Шариф барои татбиқи босамари технология ва ташаккули маҳорату малакаҳои хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ равона гардида, зимни баргузории барномаи таҷрибавӣ-озмоишӣ амалӣ гардидааст.

Боби дуюм **"Мавқеъ ва нақши истифодаи самараноки воситаҳои навоварӣ (инноватсионӣ) дар барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ"** номгузорӣ шудааст. Муҳаққиқ зимни баррасии масъалаҳои вобаста ба технологияҳои муосири таълим ҷузъҳои асосии технологияи таълимро: воситаҳои техникӣ ва ғайритехникии таълим, ҳамкории байни омӯзгору хонанда, шаклҳои ташкили корҳои инфиродӣ, дунафарӣ, гурӯҳӣ ва

инчунин интихоби дурусти иттилоот барои ҳар як гурӯҳи алоҳидаи толибилмонро нишон додааст. Иттилоот ва равандҳои иттилоотӣ яке аз муҳимтарин ҷузъҳои таркибии фаъолияти ҳаётии инсон ва ҷамъият гардида истодааст, ки дар омӯзишу ҳаёти наслҳои имрӯз накши муҳимро мебозад,ки онҳо ба он бештар таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд. Истифодаи компютерҳо, шабакаи интернет, барномаҳои рақамӣ ва воситаҳои иртиботӣ имконият медиҳад, ки корҳо бо сифати баланд ва дар муҳлати кӯтоҳ иҷро карда шаванд. Бартарии асосии технологияҳои инноватсионӣ дар он аст, ки онҳо дастрасӣ ба манбаъҳои гуногуни иттилоотиро таъмин намуда, имконияти омӯзиши мустақилона ва рушди малакаҳои рақамиро фароҳам меоранд, муҳаққиқ онро муайян карда, натиҷаро нишон додааст. Ҳамзамон, истифодаи дурусти онҳо ба баланд шудани ҳосилнокии дониш ва рақобатпазирии хонандагон мусоидат мекунад.

**Боби сеюми диссертатсия "Корҳои таҷрибавӣ- озмоишии истифодаи самараноки васоити иттилоотӣ ва технологияи инноватсионӣ дар фаъолияти таълимии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ"** номгузорӣ шудааст. Тавсияҳое, ки муҳақиқ аз натиҷаи таҳқиқот барои истифодаи амалӣ ҳангоми истифодаи самараноки технологияҳои инноватсионӣ манзур сохтааст, метавонад ба беҳтар намудани ҷараёни омӯзиши хонандагони муассисаҳои таълимӣ дар ихтисосҳои гуманитарӣ ва табиии риёзӣ мусоидат намояд.

Муҳаққиқ тавонистааст, ки тавассути роҳу воситаҳои фаъоли таълим, корҳои таҷрибавӣ- озмоиширо дар раванди таълим истифода аз васоитҳои иттилоотӣ ва технологияҳои инноватсионӣ мушаххас намуда, натиҷаи онро тавассути ҷадвал ва диаграммаҳомуайян карда, нишон додааст.

Новобаста аз ин дар автореферат баъзе иштибоҳоту норасоиҳои ҷузъи низ ба назар мерасанд, ки баёни онҳо барои такмили минбаъдаи пажуҳиши диссертант ба манфиат мебошанд:

1. Баъзе хатогиҳои техникӣ низ дар кор мушоҳида гардидааст, ки мазмуни онро коста намегардонад.
2. Дар матн баъзе норасоиҳои таҳририӣ ва услубӣ ба назар мерасанд.

Бояд қайд кард, ки камбудиҳои мушоҳида кардашуда, мазмун ва мундариҷаи корро халадор намекунанд.

Автореферати диссертатсияи Шарифзода Файзигул Шариф дар мавзуи **" Истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон"** барои дарёфти дараҷаи илмӣ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.12.2024 №493 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
мудири маркази бақайдгирӣ,
машваратӣ ва тестии Коллеҷи
омӯзгории Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ — Шарипов Раҳмонали Саидакбарович

Имзои Шарипов Р.С.-ро тасдиқ менамоям,
мудири шуъбаи кадрҳо, корҳои махсус
ва бойгонӣ — Нуров М.М.

12.06.2026

**Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров, 31, Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.
**Маълумот барои тамос:** Телефон: (+992 33 22) 2-35-17, E-mail: kollejddk@mail.ru